# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти илмии Муродова Моҳира Ҳусеновна барои пешниҳоди рисола дар мавзӯи «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун» барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - биохимия**

Муродова Моҳира Ҳусеновна ҳамчун унвонҷу аз рӯи ихтисоси 03.01.04 - биохимия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ дар назди кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Озмоишгоҳи клиникии муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологии АИТ ВТ ва ҲИА ҶТ, хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон корҳои илмӣ-таҳқиқотиро гузаронидааст.

Унвонҷу Муродова Моҳира Ҳусеновна аз рӯи ихтисоси 03.01.04-биохимия рисолаи худро дар асоси нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, васоити методӣ ва супоришҳои ба ӯ додашуда дар солҳои 2015-2020 иҷро намудааст.

Мавзӯи рисола яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҳамчун объекти таҳқиқотӣ гӯсфандон ва барраҷаҳои зоти тоҷикӣ истифода шудааст. Барои муайян намудани микдори умумии сафедаҳо дар зардоби хуни гӯсфандони зоти тоҷикӣ махсусан вазнафзункунӣ, серпашмӣ ва сифати он бо истифода аз усулҳои мушоҳида, тавсиф, баҳисобгирӣ, хулосабарорӣ дар асоси усулҳои биохимиявӣ ва зоотехникӣ амалӣ гардидаанд.

Чунин меҳисобам, ки рисола аз рӯи ихтисос ба талаботи асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дастурҳои методии соҳа ҷавобгӯ буда, он аз дониши назариявию амалии унвонҷу дарак медиҳад. Аз омӯзиши рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона иҷро намуда, талаботи сохтор ва таркиби рисоларо риоя намудааст. Матни рисола ба мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Бо назардошти таҳлили натиҷаҳои дар адабиётҳои соҳавӣ овардашуда Муродова М.Ҳ. дар назди худ мақсад гузошт, ки барои муайян намудани

алоқамандӣ байни миқдори умумии сафедаҳои зардоби хун, сифати пашм, гӯшт дар гӯсфандони зоти тоҷикӣ таҳқиқотҳои худро амалӣ намояд. Аз ин рӯ мавзӯе, ки Муродоава М.Ҳ. интихоб намудааст, муҳим ва актуалӣ мебошад.

Рисола аз муқаддима, 3 боб, хулосаҳо ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда иборат буда, тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шудааст.

Ҳамин тавр, мазмун, мундариҷа ва дониши назариявию амалии Муродова Моҳира Ҳусеновнаро ба назар гирифта, рисолаи мазкуро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – биохимия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи биохимияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /____________/ Қосимов Р.Б.